# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Масъалаҳои марбут ба системаи сиёсӣ бо тамоми ҷузъиёташ дар доираи илмҳои сиёсии ватанӣ то ба ҳол ба таври комил мавриди омӯзиш карор дода нашудааст. Агарчанде баъзе аз олимони ватанӣ дар бораи падидаи мазкур китобхо таълиф намуда бошанд ҳам, вале ҳанӯз ҳам масъалаҳое вуҷуд доранд, ки бояд пайваста аз онҳо думболагирӣ кард, то хусусиятҳои нави системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози илмӣ нишон дода шаванд. Аз он хотире, ки ҳоло ҳам масъалаҳои ҳалнашуда дар назария ва амалияи сиёсӣ вобаста ба масъалаи мазкур вуҷуд доранд, омӯзиши он аҳамияти муҳимро соҳиб мебошад.

Марҳилаи муосири рушди ҷомеаи инсонӣ хусусиятҳои демократии системаи сиёсии ҷомеаро тақозо менамояд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба шароити демократикунонии ҷомеа ва давлатҳои имрӯза алоқаманд аст. Илова бар ин, баланд шудани накши системаи сиёсии демократӣ дар тамоми олам сабабҳои мушаххаси худро дорост. Дар воқеияти пасошӯравӣ, ки ҳамчун марҳилаи нави рушди ҷаҳон баромад мекунад, тағйироти сифатӣ ҳам дар дохили давлатҳо ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ба мушоҳида мерасад. Хусусан, ин таҳаввулот ба системаҳои сиёсии кишварҳои муосир ва унсурҳои таркибии онҳо мансуб мебошад. Бо назардошти воқеияти инкишофи системаҳои сиёсии давлатҳои имрӯза мо метавонем ба хулосае омада бошем, ки умуман системаи сиёсии олам ва низоми ҷаҳонӣ тадриҷан дигаргун мешавад. Бинобар ин, барои дарки инкишофи муттасил, муайяннамоии хусусият ва сатҳи аҳамиятнокии тағйироти глобалӣ зарур аст, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба заминаҳои тағйироти системаи сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ равона гардад. Илова бар ин, воқеияти рушди системаи сиёсии ҷомеа бояд бо назардошти замони гузашта ва ояндаи он мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Бар замми ин, муайяннамоӣ ва дарки назариявии самтҳои нави инкишофи системаи сиёсии демократӣ, хусусиятҳои навини падидаи мазкур дар ҳаёти сиёсии кишвари муайян ва дурнамои рушди он аз аҳамият холӣ нест. Хусусан, ин масъала барои Тоҷикистони соҳибистиклол басо муҳим ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, коркарди консепсияи муайяни рушди системаи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳимтарин масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб мераванд, ки ҳам аҳамияти назариявӣ ва амалиро соҳиб аст.

Масъалагузорӣ ва таҳлили як қатор проблемаҳои назариявӣ имкониятҳои гуногунро дар омӯзиши амиқи раванди ташаккули системаи сиёсии демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меорад. Тадкиқоти анҷомёфта имконият медиҳад, ки методикаи яґона ва баҳогузории омилҳо ва сабабҳои мухталифи рушди системаи сиёсии ҷомеа дар Тоҷикистон коркард

шавад. Ҷиҳати мазкур бо назардошти хусусиятҳои ҳолати имрӯза ва дурнамои рушди Тоҷикистон ба сифати давлати демократӣ бояд мавриди тадқиқ қарор бигирад. Зарурӣ ва саривақтӣ будани омӯзиши мавзӯи тадқиқотӣ инчунин аз ҷиҳатҳои зерин бармеояд:

- зарурати такмили минбаъдаи назария ва амалияи системаи сиёсӣ ва демократӣ, мушаххасгардонии мақом ва нақши он дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол;

- хосияти демократӣ бахшидан ба унсурҳои асосии системаи сиёсӣ ва фаъолияти онҳо, чун имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи инкишофи демократиро пеша гирифтааст ва аз ин хотир, он вазифадор аст, ки дар заминаи такмили меъёрҳои конститутсионӣ ба институтҳои сиёсии ҷомеа ва фаъолияти онҳо имкониятҳои мусоид фароҳам оварда, ҳалли масъалаҳои мухталифро дар доираи низоми сиёсии демократӣ имконпазир гардонад;

- тағйироти куллии ҳаёти сиёсии Тоҷикистони муосир дигаргунии муносибати одамонро нисбат ба ҳаёти сиёсӣ ва падидаҳои гуногуни он, инчунин дар ҷаҳонбинӣ, шуури сиёсӣ, тафаккури сиёсӣ ва маданияти сиёсии онҳо тақозо менамояд. Аксари мардум бояд дар асоси арзишоти демократӣ ба воқеияти сиёсии кишвар рӯ биоранд, зеро бе тағйири муносибат нисбат ба ҳаёти сиёсӣ мо ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуда наметавонем;

- назардошти ҳолати идеологии Тоҷикистони муосир низ бисёр масъалаи муҳим ба назар мерасад, зеро дар шароити демократӣ ба ҳамагон маълум аст, ки ин ё он идеология наметавонад ба сифати идеологияи давлатӣ баромад кунад. Чи тавре, ки маълум аст, дар охири солҳои 80-ум ва аввали 90-уми асри гузашта дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишварамон як навъ фазои холии идеологӣ ба миён омад. Аз ин ҳолат неруҳои муайяни сиёсӣ сӯистифода намуда, вазъияти сиёсии кишварро бо фаъолиятҳои муғризонаи хеш ноором гардонида, ба ақидаҳои сиёсии мардум таъсири манфӣ расонида, умуман шуури сиёсии халқро дигаргун сохтанд, ки ниҳоятан чунин ҳолат ба падидаи бунёдгароии динӣ ва дигар тамоюлҳои манфию мушкилзо боис гардид. Чунин ҳолату вазъияти мураккаб монеаҳои ҷиддиро дар ташаккули системаи нави сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субот бахшидани режими демократии кишвар ба миён овард.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби аввали диссертатсия дар заминаи омӯзиш ва баррасии адабиёти илмӣ хусусиятҳои муҳимми системаи сиёсии ҷомеа таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Дар ин зербоб муаллиф кӯшиш намудааст, ки консепсия ва назарияҳои сиёсии мвҷударо таҳлилу баррасӣ намуда, андешаҳои дар ин мавриид баёнгардидаро шарҳу тавзеҳ диҳад. Дар зербоби дуюми ин боб нақш ва мавқеи системаи сиёсии ҷомеа дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шуда, рушди соҳаҳои гуногуни кишвар аз устувории системаи сиёсии ҷомеа вобаста дониста мешавад. Муаллиф  фарзияи худро дар асоси хулосаҳо ва баррасиҳои илмии олимони гуногуни соҳа асоснок намуда, вобаста ба рушди

минбаъдаи системаи сиёсӣ ва таҳкими суботи сиёсии ҷомеа андешаҳои худро пешниҳод намудааст.

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаи ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, паҳлуҳои гуногуни ин масъала аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф барои возеҳу равшан намудани раванди дигаргуниҳои ҳаёти сиёсӣ хусусиятҳои муҳимми давраи гузаришро матраҳ намуда, бо дарназардошти он ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳу тавзеҳ додааст. Дар доираи ин боб ҳамзамон масъалаи ташаккули ниҳодҳои демократӣ ва раванди демократикунонии ҳаёти сиёсии ҷомеа матраҳ гардида, рушду инкишофи системаи сиёсии демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар охири таҳқиқоти худ муаллиф ба масъалаи дурнамои рушди системаи сиёсии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, масъалаҳо ва мушкилотеро, ки дар ин самт монеа эҷод мекунанд, таҳлилу таҳқиқ намудааст. Ҳамзамон қобили қайд аст, ки дар охири ҳар як зербоб муаллиф хулосаҳои худро пешниҳод намуда, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҷойдошта тавсияҳои амалӣ манзур намудааст.

Навоварии таҳқиқотро мушаххасан ба таври зерин нишон додан мумкин аст: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои системаи сиёсӣ таҳлили ҳамаҷонибаи худро бо назардошти воқеияти муосири ҳаёти сиёсӣ ёфтаанд; мақом ва нақши системаи сиёсӣ дар алоқамандӣ бо ҳаёти сиёсӣ нишон дода шуда, ҳамзамон падидаи мазкур ҳамчун омили меҳварӣ дар рушди ҳаёти ҷомеа муайян гардидааст; хусусиятҳои асосии дигаргуниҳои системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба давраи гузариши кишвар ошкор гардида, ҷиҳатҳои нави ин падидаи муҳимми ҳаёти сиёсӣ бо дарназардошти воқеияти ҷамъиятӣ дарҷ ёфтаанд; асосҳои сиёсию ҳуқуқии амалишавии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои демократиаш нишон дода шудаанд; масъалаҳо ва мушкилоти пешрафти системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон муайян гардида, ҳамзамон дурнамои рушди он дар шароити имрӯзаи кишвар ба таври лозимӣ мушаххас гардонида шудааст.

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот дар баррасии минбаъдаи масъалаи системаи сиёсии ҷомеа метавонанд истифода гарданд. Ҳамчунин хулосаҳои илмии таҳқиқот дар омӯзиши шаклгирии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ муҳим ба назар мерасанд. Натиҷаҳои кори илмӣ таҷассумгари таҳаввулоти сифатии даврони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мебошанд. Кори диссертатсионӣ боз аз он ҷиҳат муҳим ба назар мерасад, ки дар баробари ифодаи унсурҳои назариявӣ ҷанбаҳои амалии шаклгирии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи дигаргуншавии ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ дар худ инъикос менамояд.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки хулосаву натиҷагириҳо ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва инчунин институтҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд. Илова бар ин, муқаррароти кори илмӣ ва натиҷаҳои он дар таълими сиёсатшиносӣ, сиёсатшиносии амалӣ,

сиёсатшиносии муқоисавӣ ва курси махсуси системаи сиёсии Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд.

Дар маҷмӯъ, ғуфтан мумкин аст, ки максади таҳқиқот ва вазифаҳои он пурра иҷро гардидаанд. Муаллиф аз ӯҳдаи мустақилона анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромадааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, қайд намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя тавсия мегардад. Муаллифи диссертатсия Қаландаров К.Қ. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ аст.

**Роҳбари илмӣ:**
Номзади илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи равандҳои
сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон /____________/ Муҳабатов А.М.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Имзои профессор Муҳабатов А.М.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ.
Тавқиев Эмомалӣ ____________

08.06.2021